# ХУЛОСАИ

Шурои диссертатсионии якдафъаина 6D.KOA-023 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 № 295.

Парвандаи аттестатсионии №____

Қарори Шурои диссертатионӣ якдафъаина аз 10.01.2025, №24

Барои сазовор донистани Бозоров Хушвахт ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ

Диссертатсияи Бозоров Хушвахт дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-023 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 марти соли 2024, №43х/я ) аз 27 апрели соли 2024, суратмаҷлиси №12 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Бозоров Хушвахт 20 феврали соли 1955 дар деҳаи Чашмасори ноҳияи Муъминобод дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Соли 1976 Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб (ҳозира Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)-ро бо ихтисоси муаллими синфҳои ибтидоӣ хатм намуда, соли 1976-1978 дар МТМУ -и №4 ш.Норак, 1979-1985 муаллими синфҳои ибтидоии МТМУ-и №10 ноҳияи Кӯлоб, солҳои 1985- 2007 мудири кабинети синфҳои ибтидоии Донишкадаи такмили ихтисоси муаллимони вилояти Кӯлоб (ҳозира Хатлон), солҳои 2007- 2014-муовини директор оид ба кори таълиму тарбия, солҳои 2015-2018 мудири кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ФҶДТИБКСМ дар минтақаи Кӯлоб, солҳои 2018-2021 мудири кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии ДДК ва аз соли 2021 то инҷониб дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳо шуда, фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсияро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогӣ соли 2012 дар мавзуи “Формирование позитивного отношения к миру и чувства доброты у младших школьников на уроках родного языка” дар шурои диссертатсионии назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҳимоя намуд.

Диссертатсияи Бозоров Хушвахт дар ҷаласаи кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими онҳои Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ 12 июни соли 2023, суратҷаласаи №11

муҳокима ва тасдиқ гардида, барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудааст.

**Мушовири илмӣ – Шарифзода Файзулло** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**:

1. **Шербоев Саидбой** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;
2. **Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров;
3. **Хоҷаев Курбон** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба диссертатсияи тақризи мусбат доданд мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** дар хулосаи мусбати худ, аз 10 декабри соли 2024, суратҷаласаи №1, ки онро раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои филологӣ, дотсент Қосимӣ Саъди Абдулқодир, эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва амалияи забоншиносии муассисаи мазкур Гадоев Нурхон ва котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ Турсунова Мунаввара имзо карда, ректори донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло тасдиқ кардааст, ба диссертатсия асосан баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, қайд намудааст, ки мавзуи аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи Бозоров Хушвахт мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои замонавӣ – асосҳои илмӣ-методии таълими забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бахшида шудааст.

Диссертатсия кори таҳқиқотии пурра ва мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб рафта, арзиши илмию амалии он муътамад аст. Мазмун ва муҳтавои автореферат ва мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда нашрнамудаи муаллиф ба мавзуи таҳқиқоти илмӣ ва мақсаду вазифаҳои дар пешгузоштаи таҳқикот мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия кори таҳқиқотии пурра ва мустақилона анҷом ёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Бозоров Хушвахт ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 22 номгӯй интишороти илмӣ, аз ҷумла оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

**[1-М]. Бозоров Хушвахт.** Афкори методистони тоҷик нисбати фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар рушди зеҳну нутқи кӯдакон /Х. Бозоров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.Бахши илмҳои педагогӣ - 2023, №1.С.228-234.

**[2-М]. Бозоров Хушвахт.** Истифодаи фаъолияти мустақилонаи таълимӣ бо дарназардошти имконоти зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ /Х. Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2023, №6. С. 225-232.

**[3-М]. Бозоров Хушвахт.** Нақши кадрҳои педагогӣ дар рушди имконоти зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ /Х. Бозоров.// Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2023, №7.С. 210-218.

**[4-М]. Бозоров Хушвахт.** Муайян кардани мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар раванди таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ. /Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2022, №2. С.197-203.

**[5-М]. Бозоров Хушвахт.** Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ омили рушди нерӯи ақлию зеҳни талабагони хурдсол /Х.Бозоров// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. 2022, №4. С.264-270.

**[6-М]. Бозоров Хушвахт.** Ташкили фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ. /Х.Бозоров Х.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2022, №5. С.306-312.

**[7-М]. Бозоров Хушвахт.** Мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилона таълимӣ дар раванди таълими забони модарии синфҳои ибтидоӣ. /Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ -2022, №6. С.158-168.

**[8-М]. Бозоров Хушвахт.** Ба кори мустақилонаи таълими забони модарӣ одат кунонидани талабагони синфҳои ибтидоӣ. /Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи Омӯзгории Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ -2022. №2 (12).С.194-200.

**[9-М]. Бозоров Хушвахт.** Мусоидати методикаи ибтикории ташкили фаъолияти таълимии мустақилонаи хонагӣ дар рушди зеҳнию забонии талабагони хурдсол. /Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи Омӯзгории Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2022.№4 (14). С.183-190.

**[10-М]. Бозоров Хушвахт,** Ҳамроева Қ. Ба кори мустақилонаи таълими забони модарӣ одат кунонидани талабагони синфҳои ибтидоӣ. /Х.Бозоров// Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб. Бахши илмҳои педагогӣ. - 2022, №1 (26) С.123-130.

[11-М]. **Бозоров Хушвахт.** Арзёбии ташаккулдиҳанда омили рушди қобилияти зеҳнию нутқии талабагони хурдсол дар раванди фаъолияти мустақилона таълимӣ. /Х. Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2021, №8. С. 234-239.

[12-М]. **Бозоров Хушвахт.** Методҳои таълимии ба рушди қобилияти зеҳнию нутқии талабагон мусоидаткунанда /Х.Бозоров// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ -2020, №6. С.287-294.

[13-М]. **Бозоров Хушвахт.** Ташкили фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ./Х. Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ - 2021, №2. С.271-279.

[14-М]. **Бозоров Хушвахт,** Ҳамроева Қ. Мавқеъ ва мақоми фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ. /Х. Бозоров.// Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб. Бахши илмҳои педагогӣ. -2021, №1, (25) С.79-89.

[15-М]. **Бозоров Хушвахт.** Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ, омили асосии рушди зеҳнию нутқии талабгон дар дарсҳои забони модарӣ. / Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ -2020, №1, С.254-260.

[16-М]. **Бозоров Хушвахт.** Дар талоши накӯӣ. / Х.Бозоров.// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. -2018. №7, С. 308-312.

[17-М]. **Бозоров Хушвахт,** Ҳамроева С. Таъсири тарбиявӣ ва рушддиҳандаи бозиҳо ба тарбияи кӯдакони синни хурди мактабӣ. /Х. Бозоров// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои педагогӣ. Душанбе, 2017. №3/4, С.314-316.

[18-М]. **Бозоров Хушвахт.** Ташаккули тарбияи маънавии кӯдакон./ Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2016, №3\3( 202). Саҳ.226-229. (ISSN 2074-1847)

[19-М]. **Бозоров Хушвахт.** Ташаккули ҷаҳони маънавии хонандагон дар муҳити хонавода. / Х.Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2016, №3\4( 206) Саҳ.249-253. (ISSN 2074-1847)

[20-М]. **Бозоров Хушвахт.** Марҳилаҳои ташаккӯлёбии малакаҳои ахлоқии кӯдакон. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Душанбе, 2015, № 3\8( 182). Саҳ.253-256. (ISSN 2074-1847)

[21-М]. **Бозоров Хушвахт.** Марҳилаҳои ташаккӯлёбии малакаҳои ахлоқии кӯдакон. /Х. Бозоров. Паёми Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб. Кӯлоб 2015, № 2(13). Саҳ.135-138. (ISSN 2616-5260)

[22-М]. **Бозоров Хушвахт.** Позитивное отношение, как составная часть нравственных качеств детей и подростков. /Х. Бозоров// Вестник Таджикского национального университета. 3\6(96), 2012. С.227 -230. (ISSN 2074-1847).

**Ба диссертатсия ва автореферат 6 тақриз ворид шудааст. Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:**

1. **Муроди Низомиддин** - доктори илмхои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои форсӣ-хитоии Муассисаи давлатии таълимии "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров". Тақриз эрод надорад.

2. **Абдураҳимзода Қудратулло Саид** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав". Тақриз эрод надорад.

3. **Ҳамробоев Насимҷон** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забон ва адабиёти тоҷики факултети забонҳои Шарқи Муассисаи давлатии таълимии "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров". Тақриз эрод надорад.

4. **Одинаев Нурмаҳмад Сафарович** - доктори илмҳои филологӣ, и.в. профессори кафедраи фанҳои гуманитари Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Тақриз эрод надорад.

5. **Раҳмонова Наргис Шарифовна** - доктори илми филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз эрод надорад.

6. **Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода. Тақриз эрод надорад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ **Бозоров Хушвахт** сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-023, аз 24 сентябри соли 2024, №12 тибқи банди 61 Низомнома оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи докторант корҳои зерин иҷро шудаанд:**

– аз нуқтаи назари танқидӣ анъанаҳои мавҷудаи низоми таълим ва таҷрибаи ҷаҳонии таҳсилот **таҳлил ва баҳо дода шуда,** истифода бурдан аз шаклу усулҳои муфиди он ҳангоми ҷорӣ намудани асосҳои илмӣ-методии таълими забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ **коркард карда шудаанд;**

– таҳлили назариявии адабиёти фалсафӣ, педагогӣ-психологӣ ва методӣ оид ба мавзуи пажуҳиш **ошкор карда шудааст;**

– талабот ва ҷанбаҳои педагогии малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ **муайян карда шудааст;**

– таҳлили сифати нақша ва барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ, дастуру маводи дидактикӣ оид ба таълими забони модарӣ вобаста ба фаъолияти мустақилонаи хонандагони хурдсол ба таври васеъ **татбиқ карда шудааст;**

– фаъолияти мустақилонаи омӯзишии дарсҳои забони модарии синфҳои ибтидоӣ ба хотири рушди зеҳн ва нутқи хонандагон **муқаррар карда шудааст;**

– имконияти зеҳнии хонандагони хурдсол дар раванди ташкили фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ **ба инобат гирифта шудааст;**

– фаъолияти мустақилонаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташкил карда шуда, самаранокии он **натиҷагирӣ ва муқоиса карда шудааст;**

– асосҳои илмӣ-методии таълимӣ **таҳия шуда,** рушди тафаккур ва зеҳни хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди омӯзиши забони модарӣ **амалӣ карда шудааст;**

– натиҷаҳои таҳқиқот оид ба зарурати фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ ба хотири рушди зеҳнию нутқӣ ба тариқи озмоишӣ **мавриди санҷиш қарор дода шудааст;**

– амсилаи (барномаи) намунавии таълими забони модарӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси маълумотҳои бадастомада **коркард ва пешниҳод шудааст.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария** бо он асоснок карда шудааст, ки:

- таҳқиқотҳои олимон оид ба асосҳои илмӣ-методии таълими забони модарӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳаматарафа **мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд;**

- проблема ва асосҳои илмӣ-методии таълими забони модарӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ **муайян ва коркард карда шудаанд;**

- самаранокии моделҳои пешниҳодшуда оид ба асосҳои илмӣ-методии таълими забони модарӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ **аз тариқи баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит карда шудаанд;**

- вазъи коркарди методии масоили вобаста ба таълими забони модарӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ **муайян карда шудаанд;**

- дар асоси хулоса ва муқарраротӣ назариявӣ, ки дар мазмуни диссертатсия инъикос ёфтаанд, барои омӯзгорон тавсияҳои методӣ оид ба таълими забони модарӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ **коркард ва пешниҳод шудаанд;**

- маҷмӯи махсуси вазъиятҳои проблемавӣ кор карда шудаанд, ки омӯзгорон **метавонанд** дар ҷараёни таълим вобаста ба амалӣ намудани асосҳои илмӣ-методии таълими забони модарӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ **истифода баранд;**

- маводи таҳқиқоти диссертатсиониро **метавон** дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар тайёр намудани омӯзгорон **истифода намуд;**

- тавсияҳои илмӣ-методии коркард ва пешниҳодшуда метавонанд тасаввуроти докторантон ва аспирантонро оид ба масъалаи мазкур **ғанӣ гардонанд;**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:

-роҳу усулҳои асосҳои илмӣ-методии таълими забони модарӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ мутобиқ ба талаботи таҳсилоти муосир **коркард карда шудаанд;**

– интихоби афзалиятҳои махсус ҳангоми татбиқи асосҳои илмӣ-методии забони модарӣ хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таълим **ошкор карда шудааст;**

– мазмуни асосӣ ва хусусиятҳои махсуси ташкили корҳои гуногуни муассири таълимӣ ҳамчун яке аз воситаҳои самараноки асосҳои илмӣ-методии таълими забони модарӣ дар шароити татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф **муайян карда шудаанд;**

– шаклу воситаҳои рағбат пайдо намудани донишҷӯён дар ҷараёни таълими забони модарӣ бо назардошти хусусиятҳои психологӣ ва қобилияту шавқу завқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ **аниқ карда шудаанд;**

– роҳҳо ва методҳои таъсирбахши таълим, ки ба омилҳои асосӣ ва қонуниятҳои технологияҳои фаъолияти таълимии ба асосҳои илмӣ-методии дар раванди омӯзиши хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудаанд, **истифода бурда шудаанд;**

– асосҳои илмӣ-методии таълимӣ ва аҳаммияти он дар ташаккули зеҳни хонандагони синфҳои ибтидоӣ шарҳу тафсир карда шуда, дар ҷараёни кори таҳқиқотӣ мафҳуми методикаи таълимӣ ҳамчун як қисми таркибии дидактика ҷиҳати рушди инкишофи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ **асоснок карда шудааст;**

**- тавсияҳои методӣ метавонанд** амалан дар раванди омодасозии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна равияи омӯзгорӣ, дар курсҳои такмили ихтисос ҷиҳати такмили маҳорати касбии омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва таҳияи диссертатсияву корҳои дигари илмӣ васеъ **истифода шаванд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо **бо асосҳои зерин нишон дода шудаанд:**

– муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, инкишофи неруи зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоиро дар ҷараёни ҷорӣ намудани ташаккули салоҳиятҳои коммуникативии хонандагони синфҳои ибтидоӣ **таъмин менамоянд;**

– натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бо тариқи аниқсозӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маҷмӯи методҳо, ки аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот бо

пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя бо таҷрибаи ҳосилшуда дар фаъолияти таълимии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ ҳангоми гузаронидани пурсишнома, пурсишҳои даҳонӣ бармеоянд, **ба даст омадаанд;**

**-** хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқарраротиаввалияи назариявӣ **пешниҳод шудаанд;**

**- натиҷаву дастовардҳои таҳқиқот** бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилоотию методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, **таъмин карда шудаанд;**

**Саҳми шахсии докторант аз инҳо иборат аст:**

- **дар иштироки бевоситаи** муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи масъала;

**- дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

**- дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти** назариявӣ ва озмоишӣ, **таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишии бадастомада;

- **дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлиси 10 январи соли 2025 Шурои диссертатсионии **якдафъаина** қарори сазовор донистани **Бозоров Хушвахтро** бо дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионии **якдафъаина** дар ҳайати 11 нафар, аз онҳо 5 нафар мутахассис аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- тарафдор - 11 нафар,
- муқобил - нест,
- бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Мухаметов Г.Б.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Рузиева Л.Т.

10 январи соли 2025